**Дуктур Юсуф Қарзовӣ**

# Насиҳати падарона ба ҷавонони мусалмон

**Мутарҷим: Фоиз Иброҳим Муҳаммад**

**Ин китоб аз сайти китобхонаи “Ақида” донлуд шудааст**

**www.aqeedeh.com**

**Адреси мо:**

Book@aqeedeh.com

Nikzad@jahanislam.com

**Сайтҳои муфид**

book@aqeedeh.com
www.sadaislam.com
www.bidary.net
www.farsi.sunnionline.us
www.mohtadeen.com
www.islam411.com
www.ahlesonnat.com
www.isl.org.uk
www.blestfamily.com
www.islamage.com
www.islampp.com
www.nourtv.net
www.islamhouse.com
www.tabesh.net
www.sunni-news.net
www.ijtehadat.com
www.aqeedeh.com
www.islamtxt.com
www.islamtape.com
www.islamworldnews.com
www.islamwebpedia.com
www.videofarda.com

## Муқаддимаи мутарҷим

Мақолаи мухтасар, ки дар даст доред, тарҷумаи фасли чаҳорум аз китоби "الصحوة الإسلامية بين الجحود والتطرف", "Бедории исломӣ байни ифрот ва тафрит", таълифи Дуктур Юсуф Қарзовӣ мебошад.

Дар назар доштам, ки ин китобро ба таври комил тарҷума кунам, вале назар ба аҳамият ва зарурати муҳтавои ин фасли чакида ва мухтасар, ки шомили насиҳатҳову супоришҳои баҷо ва коршиносонае барои роҳнамоӣ ва иршоди ҷавони камтаҷрибаи мусалмон мебошад. Бо вуҷуди бетаҷрибагиам дар ин кор, ба тарҷумаи зудҳангоми он пардохтам ва агар Худо бихоҳад тарҷумаи комили онро низ мутаъоқибан барои истифодаи умуми алоқамандон чоп хоҳам кард.

Аз Худованд тавфиқ металабам, ки насоеҳи сӯдманди китобро овезаи гӯш қарор диҳем ва дар ҳадди тавон ҷиҳати амали кардан бо он кушо бошем, шояд ки ҳидояте дар он воқеъ шавад..

"والله يقول الحق وهو يهدي السبيل."

**Фоиз Иброҳим Муҳаммад**

**21 Рамазони соли 1419 (ҳ.қ)**

## Насиҳатҳои падарона барои ҷавонони мусалмон

Дар баҳсу мақолаи ахири худ, ки маҷалаи “Ал-Уммаҳ” дар Рамазони соли 1401 ҳиҷрӣ зери увнони “Бедории ҷавонони мусалмон”, мунташир шуд, баъд аз нишондод ва баршумурди бархе аз нуқоти мусбату манфии ҷавонон, дар хотима ду ҳақиқати возеҳро мавриди таъкид қарор додаам:

**Аввал**: ин, ки бозгашти ба фитрат ва руҷуъ ба асл, падидаест дуруст ва табиъӣ ва нишонаҳои он комилан ошкор аст.. ин асл дар сарзамини мо ҳамон “Ислом” аст, ки ҳарчанд афроди кинатӯз ва фирорӣ ва гумроҳкунанда, мардумро аз он фирорӣ диҳанд ва гумроҳ созанд, дар моҳияти он ҳеҷ тағйире ҳосил намешавад ва аввалу охираш ҳамон хоҳад буд: яъне бо Ислом оғоз мешавад ва бо он ҳам хотима мепазирад ва ҳамеша дар соатҳое, ки мушкилот ва сахтиҳо, ранҷу гирифториҳо шадид мешаванд ва рӯ ба фузунӣ меёбанд ва роҳҳо ва бероҳаҳо дар ҳам омехта ва аз ҳам ношинохта мешаванд ва яъсу ноумедӣ бар вуҷуд ғолиб мегардад ва ғайра, дар ин мавқеъ бухронист, ки мардум ҳеҷ кас ва ҳеҷ чизро ба ҷуз динашон намеёбанд ва ҳамагӣ давон давон бо шитоби ҳар чӣ тамомтар ба сӯи он рӯ меоваранд ва ба он паноҳ мебаранд ва аз он руҳи қавӣ ва қуввати рӯҳ, зиндагии умедбахт ва умеди зиндагӣ, равшаноии роҳ ва роҳи равшан ва ошкорро металабанд.

Ҷомеаҳои мо вуруди роҳҳалҳо ва қавонину равишҳоеро, ки шарқу ғарб ба он сарозер шудаанд, таҷриба карда ва ҳамаро ба кор бурдааст, аммо ҳаргиз ба аҳдофи мавриди назараш дар тазкия ва поксозии афрод дар пешрафти ҷомеа дар масоили дину дунё ва ҳатто дар иморату ободонии дунявӣ ҳам нарасидааст ва натиҷае ҷуз заъфу сарафкандагӣ ва парокандагӣ

ба бор наёвардаанд.. осору натоиҷи шуме, ки имрӯз низ комилан машҳуд аст.

Пас ин, ки раъй ва назари ҳамаи мардум дар тамоми сарзаминҳои исломӣ, фақат ба вуҷуди роҳҳали исломӣ ва татбиқу иҷрои шариати исломӣ дар тамоми шууни зиндагӣ баргаштааст ва ҳамагӣ хоҳони ҳукумати исломӣ ҳастанд ва низ ин, ки ҷавонон дар ин замина ҳолати қудрату тундравӣ ба худ гирифтанд ва ба нармӣ ва таъодули сиёсӣ ва ба сиёсати нарму ором имон надоранд ва бадон ризоят нишон намедиҳанд, чизи аҷибе нест..

Дигаре ин, ки падидаи хушунату сахтгирӣ, ки ин ҷавонон доранд, бо хушунат ва тундӣ муолиҷа ва бо таҳдид низ муқобила намешавад, зеро хушунат чизе ҷуз сахтгирӣ ва таҳдид чизе ҷуз исрору пофишорӣ бар хушунат ба бор намеоварад: ҳамчунон, ки бо ташкик ва мутаҳам сохтани ҳамдигар низ бартараф намешавад, зеро ҳеҷ кас наметавонад дар покӣ ва ихлоси ин ҷавонон ва ростию садоқати онҳо бо худ ва Парвардигорашон шакку тардид дошта бошад..

Балки муолиҷа ва мудовои ҳақиқӣ танҳо бо наздикии онҳо бо ҳамдигар, ҳусни тафоҳум дар дидгоҳҳо ва назариёташон, ҳусни зан (гумони нек) нисбат ниятҳо ва мавзегириҳояон, кӯшиш барои аз миён бардоштани фосилае, ки байни онҳо ва ҷомеае, ки дар он зиндагӣ мекунанд, ҳамчунин бо баргузории гуфтугуҳои илмӣ ба таври нек ва шоиста, сурат мегирад.. то ҷое, ки барои ҳама тамоми мафоҳиму мавзуот равшану табйин шаванд ва тамоми шубуҳот ва ибҳомот бартараф ва мавзеи низооту ихтилофот озод шаванд ва гуруҳи мутаффиқ бар чизе аз гуруҳои мухолифи он мушаххас шавад..

## Ба сӯи музокироту гуфтугуҳои созанда

Дар масири ин гуфтугӯ ва музокирот, насиҳатҳо ва супоришҳое ба ҷавонон тақдим мекунам, ки умедворам бо ин кор ғайр аз зоти Худованди мутаъол чизи дигаре нахоста бошам..

Ҳамон гунае, ки Расули Худо (с) ба мо омӯхтааст: “Дин насиҳат аст: ҳол чӣ аз тарафи Аллоҳ бошад, ё Расулаш ё китобаш ё айимаи мусалмонон ва тудаи мардум”.. ҳам чунин “Мӯмин ойинаи мӯмин аст” ва “тавсия ва супориш ба ҳаққу сабр, асбобу авомили наҷот ва раҳоӣ аз хусрон ва зиёнкориҳои дунё ва охират ҳастанд".

Қасди ман аз ин насоиҳу супоришҳо қарор додани чароғҳо ва нишонаҳое бар фарози роҳ аст, то моро ба ҳадафи худ роҳнамоӣ созанд ва лағжишу инҳироф аз масир ё даври худ чархидан ва ё қадам гузоштан дар ҷиҳате дигарро аз мо дӯр созанд.

## Ба тахассусҳо эҳтиром бигзоред

Ба ин ҷавонон насиҳат мекунам, ки аввал: ба тахассусҳо эҳтиром бигзоред: зеро ҳар илме аҳли махсус ба худашро дорад ва ҳар фану ҳирфае мардони хоси хешро дорост. Пас ҳамон гунае, ки як муҳандис наметавонад дар умури тиб ва пизишкӣ назар диҳад ва фатво содир кунад ва як пизишк ҳам муҷоз нест дар ҳар қонуне ҳукм кунад ва балки болотар, як пизишки мутахассис дар риштае наметавонад -ҳамон тавре- дар риштаи дигар дахолат кунад. Барои илми шариат низ чунин ва шоиста нест ҳар кас, ки бихоҳад барои мардум фатвои содир кунад ва

дахолат дар илми шариатро бар худ раво бидорад, бо ин даъво, ки Ислом барои гурӯҳи хосе мунҳасир намешавад ва бар хилофи соири адён, табақе ба номи "риҷоли дин"ро қабул надорад ва намешиносад.

Оре! ин дуруст аст, ки Ислом табақаи "риҷоли дин"ро ҳаргиз ба расмият намешиносад, аммо донишмандону уламоро мешиносад, ки дар дин тахассус доранд.. ҳамон касоне, ки Қуръони Карим ба онҳо чунин ишора мекунад: " فَلَوْلَا نَفَرَ مِنْ كُلِّ فِرْقَةٍ مِنْهُمْ طَائِفَةٌ لِيَتَفَقَّهُوا فِي الدِّينِ وَلِيُنْذِرُوا قَوْمَهُمْ إِذَا رَجَعُوا إِلَيْهِمْ لَعَلَّهُمْ يَحْذَرُونَ", "Бояд, ки аз ҳар қавм ва қабилае иддае бираванд (ва дар таҳсили улуми динӣ талош кунанд), то ба таълимоти динӣ ошно ва маҳорат ба ҳам расонанд ва ҳангоме, ки ба сӯи қавм ва қабилаи худ баргаштанд (ба таълим мардум бипардозанд ва иршодашон кунанд ва) ононро (аз мухолифати фармони Худо) битарсонанд, то (хештанро аз азоб ва иқоби Худо бар ҳазар доранд ва аз гумроҳӣ ва залолат) худдорӣ кунанд".

Қуръон ва Суннат ба мо меомӯзанд, ки он чиро, ки намедонем аз аҳли он, яъне донишмандон ва уламое, ки фарзона ва хабиранд, бипурсем: "فَاسْأَلُوا أَهْلَ الذِّكْرِ إِنْ كُنْتُمْ لَا تَعْلَمُونَ", "Аз аҳли илму огоҳе бипурсед, агар намедонед". " وَلَوْ رَدُّوهُ إِلَى الرَّسُولِ وَإِلَى أُولِي الْأَمْرِ مِنْهُمْ لَعَلِمَهُ الَّذِينَ يَسْتَنْبِطُونَهُ مِنْهُمْ", "Агар онро ба Паёмбар ва ҳукком вогузор кунанд, касоне онро хоҳанд донист, ки аҳли ҳаллу ақданд ва онро дарку фаҳм мекунанд". "فَاسْأَلْ بِهِ خَبِيرًا" "Аз шахси бисёр огоҳу фарзона бипурс". "وَلَا يُنَبِّئُكَ مِثْلُ خَبِيرٍ", "ва ҳеҷ кас мисли (Худованд огоҳу доно) туро бо хабар намесозад".

Расули Аллоҳ (с) дар мавриди он шахсе, ки сараш захмӣ шуда буд ва баъзе аз мардум ба вуҷуби ғусл бо вуҷуди ҷароҳаташ

фатво доданд ва баъд аз ғусл ҷон супурд, чунин фармуд: “Ӯро куштанд, Худо онҳоро бикушад! чаро замоне, ки намедонистанд напурсиданд?, бидонед, ки дармони ҷаҳлу нодонӣ танҳо суолу пурсиш аст”.

Замоне, ки мебинем баъзе ба худ ҷуръат медиҳанд ва дар казоё ва масоили муҳим бидуни ин, ки аҳлияту салоҳият дар ин кор дошта бошанд, фатво медиҳанд ва ҳукм содир мекунанд, тарс саропои вуҷудамро фаро мегирад!

Тамоми уламои қадиму ҷадид бо ин кор мухолиф будаанд ва чӣ басо ин афрод гоҳе поро фаротар ниҳода ва дигаронро нодону ҷоҳил мехонанд, зеро худро – бо хаёли худашон- муқаллид намешуморанд ва ҳаққи худ медонанд, ки иҷтиҳод кунанд, албатта ин дуруст аст, ки боби иҷтиҳод барои ҳама боз аст, аммо бояд бидонанд, ки иҷтиҳод шароите дорад, ки ҳеҷ як аз онҳо ин шароитро доро нестанд.

Уламо ва муҳаққиқини гузашта бар баъзе аз уламои ҳамасри хеш, ки дар фатво додан, мутаҳавирона ва бидуни таъаммулу тадаббури кофӣ шитоб ба харҷ медоданд, харда ва ирод гирифта ва айбҷӯӣ намудаанд. Масалан гуфтаанд: “яке аз онҳо дар масъалае фатво додааст, ки агар барои Умар (р) гуфта мешуд, ба хотири он тамоми аҳли Бадрро ҷамъ мекард”. Ҳамчунин гуфта шудааст: “Нотарстарин ва шуҷотарини шумо дар баробари фатво, бо ҷуръатарин ва шуҷоаттаринин шумо дар баробари оташ аст”.

Хулафои Рошидин- бо вуҷуди ин, ки Худованд ба онҳо гушодагӣ ва вусъати илм дода буд,- ҳаргоҳ, ки бо масоилу мушкилоте рӯбарӯ мешуданд, уламо ва фузалои Саҳобаро ҷамъ карда ва бо онҳо машварат мекарданд ва бо назария ва

раъйяшон роҳёбӣ мегаштанд ва роҳи савоб ва беҳтарро интихоб мекарданд.. аслан аз ҳамин фатвоҳо ва орои дастаҷамъӣ буд, ки "иҷмоъ" дар он аср шакл гирифт.

Ҳатто баъзе аз онон аз фатво доданд худдорӣ мекарданд, на ҷавоб медоданд ва на ба дигаре месупурданд, балки мегуфтанд: "Намедонам".

Утба бин Муслим гуфтааст: "Ман бо Ибни Умар се ва чаҳор моҳ ҳамсуҳбат будам, аммо дар ҷавоби бештари он чӣ, ки аз ӯ пурсида мешуд, мегуфт: "намедонам".

Ибни Абӯлайло (р) низ гуфтааст: "ман саду бист нафар аз Ансорро дида ва дарк намудаам, ҳаргоҳ масъалае аз яке пурсида мешуд,  онро ба дигар ирҷоъ медод ва он низ ба каси дигар, то ҷое, ки ба ҳамон нафари аввал бармегашт ва байни онҳо касе пайдо намешуд, ки ҳадисеро бозгӯ кунад, ё суолеро ҷавоб диҳад, магар ин, ки ҳамвора дӯст дошт бародараш пешқадам шавад ва онро ба ӯ вогузор намояд".

Ато бин Соиб низ гуфтааст: "Афроди зиёдеро дидаам, ки агар касе аз онҳо дар бораи чизе суоле мекард, дар ҳангоми посӯх гуфтан ҳарф мезад дар ҳоле, ки тамоми андомаш меларзид".

Ва агар каме ҷилавтар биёем ва ба тобиъин бирасем ва ба онҳо низ назаре афканем, сарвару фақеҳтарин онҳо Саид бин Мусаибро меёбем, ки ҳаргиз ба фатво наздик намешуд ва ҷавобе намедод, магар ин, ки мегуфт: "Парвардигорам! маро солим бидор ва дигаронро низ аз ман солим нигаҳ дор".

Ва баъд аз тобеъин айимаи мазоҳибро – ки ҳамакнун низ аз онҳо пайравӣ мешавад- меёбем, ки агар дар масъалае хайру салоҳе намедиданд, ба ҳеҷ ваҷҳ такаббур наметварзиданд ва аз

гуфтани калимаи “намедонам” ибое надоштанд. Дар айҳи ҳол байни онҳо Молик дар ин маврид аз ҳама шадидтар ва сарсахтар буд. Ӯ мегуфт: “ҳар кас дар мавриди масъалае суоле кунад, шоистааст қабл аз ин, ки ҷавобе диҳад, худро бо биҳишт ва оташи ҷаҳаннам рӯ ба рӯ кунад ва бубинад чӣ гуна метавонад худро аз азоби охират халос намояд, онгоҳ ба он посӯх гӯяд”.

Ибни Қосим низ гуфтааст: “Аз Молик шунидаам, ки мегуфт: ман дар мавриди масъалае худуди чанд даҳ соле фикр кардам, вале то кунун бо ҳеҷ раъйе тавофуқ накардаам ва ҳеҷ ҳукме дар борааш содир накардаам”.

Ибни Маҳдӣ низ аз ӯ шунида, ки мегӯфт: “Гоҳе бо масъалае мувоҷеҳ мешавад ва ба хотири он як соли тамом шабҳо намехобидам”.

Мусъаб низ гуфтааст: “Падарам маро барои масъалае назди Молик фиристод ва соҳиби он суол низ бо ман буд ва ӯ моҷарояшро барои Молик бозгӯ кард ва суолашро пурсид, аммо Молик дар ҷавоб гуфт: дар ин маврид ҷавоби хуб ва қонеъкунанда надорам, биравед ва аз аҳли илм бипурсед”.

Ибни Абӯэҳсон низ гуфтааст: “Аз Молик бисту ду масъала пурсида шуд, аммо ба ҷуз ду суол ҳеҷ ҷавобе надод, он ҳам баъд аз ин, ки чандин мартаба зикри “Ло ҳавла ва ло қуввата иллоҳ биллоҳ”ро такрор намуд”.

Ногуфта намонад, ман бо ин суханон намехоҳам монеи дарс хондан ва таълиму таъаллуми ҷавонони мусалмон шавад, зеро талаби илм бар ҳар ҳар кас воҷиб аст: мусалламан онҳо ҳар чӣ қадар ҳам бо дарсу мутолиа сару кор дошта бошанд, боз ҳам эҳтиёҷ ба аҳли илму тахассус хоҳанд дошт ва низ ин, ки барои

илми шариат абзору васоилест, ки натавонистаанд ба онҳо даст биёбанд, ҳамчунин дорои усулест, ки ба хубӣ онҳоро нашинохта ва фаро нагирифтаанд ва низ дорои фуру ва масоили ҷонибист, ки авқоту аъмолашон ба онон фурсат намедиҳад, ки тамоми талошу кӯшиши худро сарфи он кунанд ва ҳар кас ба кори худ машғул аст ва барои коре, ки барояш халқ шуда, дурусту омода гаштааст.

Ман намегӯям, ки ин ҷавонон донишгоҳояшонро аъам аз донишгоҳҳои назарӣ ва илмӣ монанди: адабиёт, иқтисод, пизишкӣ, фаннӣ ва муҳандисӣ ба хотири пардохтан ба дасрсҳои динӣ ва шариатӣ тарк кунанд, он ҳам баъд аз ин, ки даврае аз тахассуси худро тамом кардаанд ва чанд солеро дар донишгоҳҳо гузорондаанд ва ҳатто дорои дараҷаҳои боло ва имтиёзоти хӯбе дар риштаҳояшон будаанд. Онҳо намедонанд ё худро ба нодонӣ мезананд, ки талаби ин улум - балки ба даст овардани дараҷаҳои боло ва бартар дар ин риштаҳо - бар ҳар мусалмоне воҷиби кифоӣ аст. Онҳо намедонанд, ки мусобиқа байни онҳо ва мухолифони душманонашон дар ин риштаҳо ба авҷи худ расидааст ва ҳар кас нияти пок дошта бошад, дар талаби ин улуми дунявӣ  ва таъаммуқ дар он, дар ҳақиқат дар ибодат ва ҷиҳод ба сар бурдааст.

Мавқеъе, ки Расули Аллоҳ (с) мабъус гардид, ҳар як аз Саҳобаи Кином (р) барои худ ҳирфа ва шуғле дошт, ки аз тариқи он касби рӯзӣ ва маъош мекард ва ҳамаро озод гузошт, ки дар шуғлҳояшон бимонанд ва ҳаргиз хостори он нашуд, ки аз корашон даст бардоранд ва тамоми ҳамму ғам ва кӯшиши худро – сирфан - дар таълиму даъват ва таблиғи Ислом мунҳасир кунанд: магар ин, ки касе барои кори муҳим ва бузурге хоста

мешуд, ки албатта дар он мавқеъ бар ӯ воҷиб мегардид, ки худро барои қиёму анҷоми ҳар чӣ беҳтари он омода ва водор созад.

Чизе, ки маро беш аз ин метарсонад, шаҳавоти дарунист, ки ба дунболи ин тағйирот, яъне тағйири дарс ва ришта зоҳир мешавад ва танҳо барои худнамоӣ ва риёсату касби мақом бошад ва боис шавад, ки дар садри маҷолис ва ҳалқаҳо биншинанд ва худро бартару болотар аз ҳама бипиндоранд, чӣ басо соҳибони ин шаҳватҳо дар вуҷуди худ аслан онро эҳсос накунанд ва мутаваҷҷеҳи он нашаванд, аммо дар аъмоқи дарунашон маскан гузида ва реша давонидааст. Дар ин сурат вуҷудашон ба як бозингарӣ ва бозрасии дақиқ эҳтиёҷ дорад, зеро нафси саркаш табиатан ҳамеша ба шаҳавот гароиш дорад ва зиштиҳоро тазйин карда ва мардумро шадидан ба бадиҳо фаро мехонад. Ҳамчунин роҳҳои ғомизу печидае, ки шайтон метавонад аз тариқи он ба даруни инсон нуфуз пайдо кунад, бисёр ва парокандаанд. Бадин тартиб касе муваффақ аст, ки бар сари дуроҳӣ биистад ва қабл аз гом гузоштан дар он, аҳдоф ва ниятҳову иқдомоти худро баррасӣ кунад ва аз худ бипурсад: оё ин барои дунёст ё барои охират? Оё ин барои Худост ё барои мардум?! то худро фиреб надиҳад ва роҳи равшан ва ошкори Парвардигорашро дунбол кунад ва ба поён бирасонад: “وَمَنْ يَعْتَصِمْ بِاللَّهِ فَقَدْ هُدِيَ إِلَى صِرَاطٍ مُسْتَقِيمٍ”, “Ва ҳар кас ба Худо тамассук ҷӯяд, бидун шак ба роҳи рост ва дурусте раҳнамуд шудааст”.

## Роҳи худопарастон ва афроди миёнаравро бигиред

Замоне, ки фаҳмидем ҳар илме мардон ва аҳли вижаашро дорост, пас насиҳати баъдии ман ба ҷавонони мусалмон инаст, ки сонияи:

Улуми динӣ ва шариатро аз уламои муътамаду мутмаине дарёфт кунанд, ки "илм" ва "тақво" ва "эътидол" дар онҳо бо ҳам ҷамъ шуда ва ҳеҷ гуна фосилае байнашон вуҷуд надошта бошад.

Поя ва асоси улуми шариат иборат аст аз: "Китоб" ва "Суннат".. ва локин ҳар кас бихоҳад он дуро дарк кунад ва бифаҳмад, ба ҳеҷ ваҷҳ аз тафсири муфассирин, шарҳи шориҳин ва фиқҳи фуқаҳо бениёз намешавад, зеро онҳо касоне ҳастанд, ки ҳар кадом ба навъе ба Китобу Суннат хидмат карда ва усулу фуруъашро ба хубӣ дар ҷойгоҳи воқеиашон қарор дода ва дарҳам наёмехтаанд ва бароямон мероси бузурге ба ҷой гузоштанд, ки ҳеҷ кас бо он ҷуз афроди мағруру нодон, ба мухолифат ва инкор напардохтааст.

Касе, ки мудаъии илми Китобу Суннат аст, дар ҳоле, ки ба уламои уммат таъна зада ва айбҷӯӣ мекунад, наметавон ӯро дар таъолими динӣ мавриди итминон ва эътимод қарод дод ва касе, ки ба ҷои Қуръон ва ҳадис, аз уламо ва китобҳое истифода мекунад, ки сусту матрукáнд ва дорои далоилии ғайримустаъмал ва беасос ҳастанд, ба таҳқиқ асли дин ва масдари қавонин ва ташреъро муҳмалу бекор гузошта ва бидуни истифода раҳо кардааст.

Дар байни уламои динӣ, афроди зиёзе пайдо мешаванд, ки дар яке аз шохаҳои фарҳангу маорифи исломӣ (монанди улуми

таърих, фалсфаа ва ё тасаввуф ва ғайра) тахассус доранд, аммо ҳеҷгоҳ худ мустақиман бо Китобу Суннат пайванде барқарор накарда ва бо онҳо – ба таври мустақим- сару кор надоранд.

Ҳар як аз ин афрод бояд дар умур ва корҳои махсус ба худ ба хидмат гирифта шаванд ва набояд ба онҳо барои фатво ва судури аҳкор эътимод кард, зеро аҳли он нестанд ва салоҳияти онро надоранд, ки илми шариатро аз онон даёфт кунанд.

Ҳамчунин байнашон касоне ҳастанд, ки бо ҳунару фани баён ва даъвату таблиғ ва суханронӣ ба хӯбӣ ошно ва мусаллат доранд ва қудрати нуфузи каломро ҳам доранд ва бар шунавандагон низ таъсир мегузоранд ва ҳатто дилҳои якоякашонро ба ларза дармеоваранд ва такон медиҳанд, аммо дар инҷо набояд иштибоҳ кард, чун ин бадон маъно нест, ки онҳо аҳли имлу таҳқиқ ҳастанд ва он чиро, ки мегӯянд, аз рӯи таҳқиқ мегӯянд ва чизи рост ва собитеро пешкаш медиҳанд, балки бештари он чӣ мегӯянд, суханони дар ҳам омехта ва фосиду муҳкам, беарзишу устувор, дурусту  нодуруст, асилу дахил, хурофоту ҳақиқат..  мебошад ва аксари ин масоил ба онон муштабаҳ аст ва бадин сурат бидун илм ва огоҳӣ фатво медиҳанд ва мардумро гумроҳ карда ва худ низ гумроҳ мешаванд ва натиҷатан бо ин корашон маротибу дараҷотро дар ҳам меомезанд, ба гунае, ки кӯчакро бузург, бузургро кӯчак, содаро сахт ва сахтро сода ҷилва медиҳанд ва шунавандагоне, ки мавриди таъсири суханонашон воқеъ мешаванд, ба хусни услубу равиш ва сеҳру асфуни гуфторашон эътиқод пайдо мекунанд: суханон ва андарзҳояшон чӣ накӯст, чӣ хуб аст онҳоро бигирем ва бишнавем ва ҳифз кунем!!

Албатта ин ки ваъзу суханронӣ худ як фанну ҳунар аст ва фиқҳу таҳқиқ фанну ҳунари дигар, бар касе пӯшида нест, аммо ин ҳаргиз дуруст нест, ки агар касе битавонад якеро ба зебоӣ анҷом диҳад, бинобарин дигареро ҳам ба хӯбӣ адо мекунад.

Ҳамчунин илми ҳеҷ олиме пазируфта намешавад, магар ин, ки бо амал ба он ҳамроҳ шавад ва ба ибораи дигар: дар ҳар касе, ки даъвои олим буданро мекунад "илм" ва "амал" бояд дар ӯ якҷо бошанд. Ин ҳамон чизест, ки мо аз он ба "вараъ" ва "тақво" таъбир мекунем. Тақвое, ки асоси он тарси Худованди Мутаъол аст ва тарсе, ки самараи илми ҳақиқӣ ва ростин мебошад: "إِنَّمَا يَخْشَى اللَّهَ مِنْ عِبَادِهِ الْعُلَمَاءُ", "танҳо бадагони олим ва донишманд аз Худо тарси омехта бо таъзим доранд".

Ин ҳамон тарсу хашятест, ки олимро аз ин, ки гуфтору суханонашро бидуни илм ва огоҳӣ ба Худо нисбат диҳад, боз медорад ва намегузорад илмашро дар хидмати низому султони дигаре- ғайр аз низоми Ислом ва султони илоҳӣ- маҳдуд кунад ва диншро ба дунё бифрушад.

Саввумин сифате, ки бояд дар ин аср дар вуҷуди касе, ки аз илми ӯ гирифта ва дарёфт мешавад, нуҳуфта бошад ва дар канори ду сифати пешин қарор гирад "эътидолу миёнаравӣ" аст. Сифате, ки фақат махсуси дини Ислом аст ва адёни дигар фоқиди онанд. Мо дар ин аср ду гуруҳи мутазодеро, ки дар ду нуқта муқобили ҳам қарор гирифтаанд ва аз мунтисибин ба илм ҳастанд, мешиносем: яке "ифротиҳо" ва дигаре "тафриткунандагон" ё "ғулукунандаго" ва "дуригузидагон" ва ҳамчуниноне, ки Ҳасани Басрӣ (р) гуфтааст: "Ин дин байни ғулукунандагон ва дӯригузидагон аз он зоеъу табоҳ мешавад".

Дар байни онон касонеро меёбемм, ки то ҷое пеш мераванд, ки бар мардум ҳама чизро ҳаром мекунанд ва дар муқобил касоне пайдо мешаванд, ки ҳама чизро мубоҳ мепиндоранд.

Ва низ афродеро мебинем, ки боби иҷтиҳодро ба таври куллӣ мебанданд ва тақлид аз айни мазоҳибро воҷиб мегардонанд ва дар нуқтаи дигар бо афроде мувоҷеҳ мешавем, ки аз ҳамаи мазоҳиб айбҷӯӣ карда ва иҷтиҳодашонро ба девор мекӯбанд.

Ҳам чунин дар миёнашон афроди дигае ёфт мешавад, ки фақат мутамассик ба зоҳири нусус ҳастанд, бидуни ин, ки ба мақосиду муҳтавои он назар кунанд ва қавоидашро риоят намоянд ва дар баробарашон таъвилкунандагогеро мебинем, ки нусусро ин дасту он даст мекунанд ва аз он, ҳамири нарм ва шаклпазирӣ месозанд ва ба ҳар шакл аз маъонӣ ва мазомине, ки бихоҳанд дармеоваранд.

Ва аммо гуруҳи матлуб ва мавриди итминон, гуруҳи васат ва муътадили онҳост. Гуруҳе, ки байни ақле, ки солим ва олим бошад ва қалбе, ки хошеъу худотарс аст, ҷудоӣ меафкананд ва байни воҷиби мавриди  назар ва вазъи мавҷуд ва воқеи зиндагӣ, созгорӣ барқарор намуда ва онҳоро ислоҳ ва бо ҳам ҷамъ мекунанд ва байни орзуҳои хавос ва ранҷҳову дардҳои авом низ тамиз қоиланд ва қаламрави худро ҳамроҳ бо вусъат ва ҳудуди аҳком ва заруриёташро ба хубӣ медонанд ва тасоҳулу осонгарӣ, онҳоро ба аз байн бурдани мавонеъу фавосил байни ҳалолу ҳаром водор намесозад. Ҳамчунин эҳтиёту муҳкамкорӣ, онҳоро ба ташаддуду сахтгирӣ бар бандагони Худо во намедорад.

Худованд пешвои ҳадис ва фиқҳу тақво, Сафёни Саврӣ (р) ро раҳмат кунад, онгоҳ, ки гуфт: “Он илме, ки осонгиру тахфифдиҳанда аст, танҳо аҳли сиққа онро метавонанд дошта бошанд, аммо ташаддуд ва сахтгириро ҳар кас аҷмом дода метавонад”.

## Осон бигиред ва сахтгир мабошед

Насиҳати баъдии ман ба ин ҷавонон инаст: аз сахтигирӣ ва ғулув худдорӣ кунед ва хусусан бо авоми мардум, ки наметавонанд ҳамонанди хавос- яъне аҳли вараъ ва тақво- бошанд, ҷониби осонгирӣ ва миёнаравиро пеш гиранд.

Чӣ эроде дорад, ки шахси мусалмон дар масъалае ё дар ҳамаи масоил роҳеро, ки ба эҳтиёт наздиктар ва аз айбу нуқсон дуртар аст, пеш бигирад.. албатта набояд тавре шавад, ки ҳамеша роҳи осонтарро тарк кунад ва доиман роҳи эҳтиётро бигирад, чун дар ин сурат дин “маҷмуае аз эҳтиётот” хоҳад шуд, ки Худованд барои бандагонаш ҳамеша осоишу гушоишро мехоҳад..

Ҳар кас ба нусуси Қуръон ва Суннат ва раҳнамудҳои Паёмбар (с) ва асҳоби киромаш назаре афканад, онҳоро пайваста даъваткунанда ба осонгирӣ ва дафъкунандаи фишору тангӣ меёбад ва мефаҳмад, ки ишон ба бандагони Худо мушкилписанду сахтгир набудаанд.

Дар ин маврид аз Қуръони Карим ҳамин оёт моро кофист, ки баъд аз оёти “Рӯза” мефармояд: “يُرِيدُ اللَّهُ بِكُمُ الْيُسْرَ وَلَا يُرِيدُ بِكُمُ الْعُسْرَ”,

“Худованд осоиши шуморо мехоҳад ва хоҳони заҳмату сахтии шумо нест”.

Ва дар оёти “таҳорат” ва “вузу” мефармояд: “ مَا يُرِيدُ اللَّهُ لِيَجْعَلَ عَلَيْكُمْ مِنْ حَرَجٍ”, “Худованд намехоҳад шуморо ба танг оварад ва ба машақат андозад”, “يُرِيدُ اللَّهُ أَنْ يُخَفِّفَ عَنْكُمْ وَخُلِقَ الْإِنْسَانُ ضَعِيفًا”, “Худованд мехоҳад (бо гузоштани аҳкоми саҳлу сода) корро бар шумо осон кунад (чаро, ки медонад инсон дар баробари ғароизу майлҳои худ нотавон аст) ва инсон заиф офарида шудааст”.

Ва дар оёти “қисос” баъд аз иҷозати афву сулҳ ва оромиш дар он мефармояд: “ذَلِكَ تَخْفِيفٌ مِنْ رَبِّكُمْ وَرَحْمَةٌ”, “Ин тахфиф ва раҳматест аз сӯи Парвардигоратон”.

Аз Суннат низ ҳамин миқдор аҳодис бароямон кофист, ки: Ибни Аббос (р) аз Расули Аллоҳ (с) ривоят кардааст: “Шуморо аз ғулув дар дини Худо барҳазар медорам, ҳамоно касоне, ки қабл аз шумо буданд, ба хотири ғулув дар дин ҳалок шудаанд”.

Ибни Масъуд (р) низ ривоят мекунад, ки фармуд: “Сахтгирону мушкилписандон ҳалок шуданд” ва инро се бор такрор фармуд”. Ин сахтгирон дар гуфтор, амал ва ё дар раъю андеша низ шомил мешавад.

Ва он чӣ Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, ки “фарди аъробӣ дар масҷид пешоб кард, мардум бар алайҳи ӯ бархостанд ва ба ӯ фаҳшу носазо гуфтанд, аммо Расули Худо (с) фармуд: “Ӯро раҳо кунед, сатели пур аз об рӯи пешобаш бирезед, ҳамоно шумо осонгир мабъус шудаед ва ҳаргиз сахтгир интихоб нашудаед”.

Ва аз раҳнамудҳояш аст, ки: “Ҳаргоҳ байни ду амре қарор мегирифт, интихоб намекард магар осонтарашро, ба шарте, ки гуноҳе дар он набошад”.

Ва ҳангоме, ки Маъоз (р) ба унвони пешнамоз ва имоми ҷамоати гурӯҳе интихоб шуда буд ва намозу қироаташро тул дод, ба ӯ фармуд: “Оё дунболи фитна ҳастӣ ва мехоҳӣ мардумро ба фитна бияндозӣ эй Маъоз?!” ва инро се бор такрор фармуд. Ин бадон маъност, ки сахтгирӣ бар мардум ва водоштани доимии онҳо ба ҷиддияту маҳкамдорӣ баробар бо фитнаандохтани онҳост. Мавқеъе, ки ба инсон иҷозат дода мешавад ки бар нафси хеш барои интихоби роҳ комилтару солимтар сахт бигирад, далел намешавад, ки ӯ метавонад бар тудаи мардум низ сахтгир бошад, зеро боиси танаффур ва фирорашон аз дини Худо, аз ҷое, ки аслан интизораш намерафт, мешавад.. ба ҳамин ҷиҳат буд, ки Расули Худо (с) ҳангоме, ки барои худ ва ба танҳоӣ намоз мехонд, аз ҳамаи мардум бештар тӯл медод, аммо замоне, ки пешнамози мардум мешуд, аз ҳама бештар тахфиф медод ва бисёр сареъуссалот буд ва дар ин маврид мефармуд: “Ҳаргоҳ касе аз шумо барои мардум намоз бигзорад, бояд тахфиф диҳад ва тӯл надиҳад, зеро дар байни онҳо афроди пиру заъиф ва ноқис ҳам ҳастанд, аммо замоне, ки барои худ намоз барпо медорад, ҳар чӣ мехоҳад тӯл диҳад”.

Ва аз Абӯқатода (р) ривоят шуда, ки Паёмбари Аллоҳ (с) фармудааст: “Ман доштам барои барпоии намоз меистодам ва мехостам онро тӯл диҳам, аммо гиряи кӯдакеро шунидам, пас онро тахфиф додам ва аз тӯл додани он худдорӣ кардам, зеро хуб нест бар модараш ранҷу сахтӣ таҳмил шавад”.

Имом Муслим дар сеҳеҳи худ сурати дигаре аз ин тахфифро баён кардааст: “Ӯ як сураи кӯтоҳ хонд”.

Ва аз Ойиша (р) ривоят аст, ки Расули Аллоҳ (с) онҳоро аз рӯи раҳмату раъфат ба ишон аз висол наҳй фармуд, гуфтанд: вале ту эй Паёмбар худат он дуро ба ҳам васл мекунӣ? Фармуд: ман мисли шумо нестам, ҳамоно Парвардигор шабона маро таъому нушоба медиҳад”.

Агар қарор бошад, ки тасоҳулу осонгирӣ дар ҳар замоне матлуб бошад, ҳакиқатан дар замони мо ба он чӣ, ки аз сустӣ дар дин, заъф дар имон ва яқину ғалабаи зиндагии моддӣ бар мардум мушоҳида ва ламс мешавад, лузуми он бештар аст ва бештар талабида мешавад.. тамоми болоҳову мусибатҳое, ки ҳамакнун гиребонгири мо шуда, ба хотири мункарот ва зиштиҳои зиёдест, ки ҳамчун қоидае дар зиндагӣ даромада ва ҳар он чӣ хилофи он бошад, шозу хориҷ аз қоида гардидааст, то ҷое, ки он касе, ки динашро ба даст гирифтааст, ингор оташи шуълавар ва сӯзон ба даст гирифтааст. Тамоми инҳо муқтазои тасомуҳ ва осонгирист ва бояд шадидан аз сахтгирӣ ва маҳкамкории зиёд худдорӣ кард. Ба ҳамин ҷиҳат фуқаҳо бар он ҳастанд, ки “машаққату сахтӣ, осонгириро ба дунбол дорад. Умур замоне, ки душвору танг мегарданд, боз васеъ мешаванд ва дунболи он осоиш меёбад ва ҳамаи балоҳо боиси тахфиф ва осонгирӣ мешаванд”.

## Бо равиши накӯ ва ҳакимона даъват кунед

Боз ҳам ба ни ҷавонони мутадайин насиҳат мекунам, ки чаҳорум: аз роҳу равише, ки Қуръони Карим дар даъват ба роҳи

Худо ва муҷодила ба мухолифин тарсим намуда, пайравӣ кунанд. Ин равиш дар оёти поёнии сурати "Наҳл" ба сурати хитоб ба Расули Аллоҳ (с) омадааст, то мо низ баъд аз Ӯ ба ҳидояташ раҳнамун шавем: " ادْعُ إِلَى سَبِيلِ رَبِّكَ بِالْحِكْمَةِ وَالْمَوْعِظَةِ الْحَسَنَةِ وَجَادِلْهُمْ بِالَّتِي هِيَ أَحْسَنُ", "(Эй Паёмбар) мардумро бо равиши ҳикматомез ва андарзҳои накӯ ва зебо ба роҳи рости Парвардигорат фаро хон ва бо ишон ба шеваи ҳар чӣ накӯ ва беҳтар гуфтугӯ ва муҷодила кун".

Аз таъаммул дар ин ояти карима дарёфт мешавад, ки фақат дар амр ба ҷидол бо шевае накӯ маҳдуд нашудааст, балки дастур дода шуда, ки бо он равише, ки накӯтар ва беҳтар аст, муҷодила шавад. Дар воқеъ дар ин ҷо ду равиш барои музокира ва муноқиша арза гаштааст, ки яке "накӯ" ва дигаре "накӯтар" аз он мебошад, ки бар шахси мусалмон воҷиб аст, бо шевае, ки накӯтар ва беҳтар аст, муҷодила кунад, зеро ин равиш ҷозиби қалбҳои безор ва фирорӣ аст ва наздиккунандаи вуҷудҳоест, ки дур аз ҳам ҳастанд ва аз якдигар фосила гирифтаанд.

Аз мавориде, ки "накӯтар" аст, метавон зикр мавозеи иттифоқ ва ҳамфикрӣ байни ду тарафи ҷидолкунанда ва рафтан аз он ба мавзеи ихтилофро ишора намуд, ки шояд- ҳамонгуна, ки Худованд мефармояд- бар он иттифоқ ҳосил ояд: " وَلَا تُجَادِلُوا أَهْلَ الْكِتَابِ إِلَّا بِالَّتِي هِيَ أَحْسَنُ إِلَّا الَّذِينَ ظَلَمُوا مِنْهُمْ وَقُولُوا آمَنَّا بِالَّذِي أُنْزِلَ إِلَيْنَا وَأُنْزِلَ إِلَيْكُمْ وَإِلَهُنَا وَإِلَهُكُمْ وَاحِدٌ وَنَحْنُ لَهُ مُسْلِمُونَ", "Бо Аҳли китоб ҷуз бо равише, ки накӯ бошад, баҳсу муҷодала накунед, магар бо касоне аз ишон, ки ситам мекунанд (ва аз ҳадди эътидол дар ҷидол хориҷ шаванд) ва бигӯянд: ба тамоми он чӣ аз сӯи Худо бар мо ва шумо нозил шудааст, имон дорем, маъбуди ман ва маъбуди шумо якест ва мо танҳо таслиму фармонбардори Ӯ ҳастем".

Аммо дар мавозеи ихтилоф, ҳукми он ба сӯи Худо дар рӯзи қиёмат бармегардад ва пардохтан ба он дар он рӯз анҷом мегирад: " **وَإِنْ جَادَلُوكَ فَقُلِ اللَّهُ أَعْلَمُ بِمَا تَعْمَلُونَ (٦٨) اللَّهُ يَحْكُمُ بَيْنَكُمْ يَوْمَ الْقِيَامَةِ فِيمَا كُنْتُمْ فِيهِ تَخْتَلِفُونَ",** "Ва агар бо ту ба муҷодала пардохтанд, пас (бо ишон баҳсу ҷидол макун ва) бигӯ: Худо аз корҳое, ки мекунед, огоҳтар аз ҳар касест. Худованд дар рӯзи қиёмат байни шумо дар бораи он чӣ ихтилоф меварзидед, доварӣ мекунад".

Бинобарин замоне, ки ин равиши муҷодалаи мусалмонон бо ғайри мусалмонон бошад, пас ҷидоли мусалмон бо мусалмон дар ҳоле, ки ҳар ду дорои ваҳдати ақида ва ухуввати динӣ ҳам ҳастанд, чӣ гуна хоҳад буд?!

Баъзе аз бародарон байни сароҳат дар ҳақ ва хушунат дар равиши гуфтори он, омезиш барқарор мекунанд ва бо шеваи тунду хашин сухан мегӯянд, бо ин, ки байнашон ҳеҷ мулозимате вуҷуд надорад. Усулан мубаллиғ ва даъватгари доно ва ботаҷриба касест, ки дигаронро бо нармтарин шева ва рақиқтарин иборахо даъват мекунад, бидуни ин, ки ҳеҷгуна тафрите дар мазмуни он ба вуҷуд оварад.

Баъд аз мушоҳидаи воқеӣ пай мебарем, ки услуби тунд ва хашину сахтгирона, мазмуни нек ва зебои матолиброа аз байн мебарад ва ба ҳамин хотир дар ҳадис омадааст: "Касе, ки амр ба маъруф мекунад, бояд шеваи амр карданаш низ маъруф бошад".

Имом Муҳаммади Ғазолӣ дар китоби "Амри ба маъруф ва наҳй аз мункар" аз "Эҳёи улуми дин" мегӯяд: "Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар намешавад магар ин, ки дар он чӣ, ки амру наҳй мекунад, дилсӯзу меҳрубон, нарму осонгир, сабуру бурдбор ва фақиҳу доно бошад".

Аз матолиби дигаре, ки дар ҳамин боб зикр мекунад, инаст, ки: марде ба маҷлиси Маъмун: халифаи Аббосӣ ворид шуд ва ӯро амри ба маъруф ва найҳ аз мункар намуд ва суханони дурусте ба ӯ гуфт ва бо шеваи тунд ва хашин бо ӯ суҳбат кард ва аслан аз мақомаш натарсид ва чизе боиси тарсаш нашуд, ки барои ҳар мақоме, гуфтори муносибашро бигуяд, лизо Маъмун, ки фарди фақеҳу доно ҳам буд, гуфт: эй мард! каме нармтар бош ва мадоро кун, ҳамон Худованд касеро мабъус сохт, ки аз ту беҳтар буд ва ба сӯи касе равона намуд, ки аз ман бадтар ва шаруртар буд, аммо ба Ӯ амр мекунад, ки бо ӯ бо оромиш ва нармиш сухан бигуяд. Мусо ва Ҳорӯн фиристода шуданд ва ҳар ду аз ту беҳтар буданд ва ба сӯи Фиръавн рафтанд, ки ӯ низ аз ман беҳтар буд ва ҳамон гуна, ки Худованд ба он ду амр фармуда буд, ба ӯ суфориш карданд: “ اذْهَبَا إِلَى فِرْعَوْنَ إِنَّهُ طَغَى (٤٣) فَقُولَا لَهُ قَوْلًا لَيِّنًا لَعَلَّهُ يَتَذَكَّرُ أَوْ يَخْشَى”, “Ба сӯи Фиръавн биравед, ки ба ростӣ саркашӣ кардааст, сипас ба нармӣ бо ӯ сухан бигӯед, шояд пандпазир шавад ва битарсад”.

Ва ин чунин Маъмун бо далоили равшани худ бар он мард ва хушунату душманияш пирӯз шуд ва ҳеҷ ҷавобе дар муқобилаш наёфт.

Аз чизҳои дигаре, ки Худованд ба Мусо (с) ёд дод, ин буд, ки даъваташро дар пешгоҳи Фиръавн бо ин гуфтори нарму рақиқ оғоз кунад: “ فَقُلْ هَلْ لَكَ إِلَى أَنْ تَزَكَّى (١٨) وَأَهْدِيَكَ إِلَى رَبِّكَ فَتَخْشَى”, “Пас бигӯ оё майл дорӣ (аз он чӣ акнун дар он ҳастӣ) раҳо ва пок гардӣ ва туро ба сӯи Парвардигорат раҳбарӣ кунам, то ту (аз Ӯ) андешноку бимнок гардӣ?”.

Ҳар кас бо гуфтугӯи музокираи Мусо (а) бо Фиръавн, ки дар Қуръони Карим омадааст, огоҳ шавад, мефаҳмад, ки Мусо (а)

фармони Худоро ба хубӣ ҳифз ва риоят карда ва онро бо тамоми диққат, бо вуҷуди такаббур ва саркашӣ ва қудрату султаи Фиръавн ва таҳдидҳояш итоат намуд, чуноне, ки ин ҷараён дар сураи "Шуаро" баён шудааст.

Ва ҳар кас бихоҳад аз сирати Расули Аллоҳ (с) ва суннаташ дар ин маврид дарс биёмӯзад, бояд ба раҳнамудҳояш таваҷҷуҳ кунад: "осонгирӣ ва утуфате, ки бо хушунат ва сахтгирӣ мухолиф аст ва раҳмате, ки бо қасоват мунофот дорад ва нармишу мадорое, ки зери бори дурруштӣ ва тундхӯӣ намеравад".

Оре! чигуна ва чаро ин тавр набошад, дар ҳоле, ки Худованд ӯро чунин тавсиф мефармояд: " لَقَدْ جَاءَكُمْ رَسُولٌ مِنْ أَنْفُسِكُمْ عَزِيزٌ عَلَيْهِ مَاعَنِتُّمْ حَرِيصٌ عَلَيْكُمْ بِالْمُؤْمِنِينَ رَءُوفٌ رَحِيمٌ", "Бешак Паёмбаре аз худатон ба сӯятон равона шуда, ки ҳар гуна дарду ранҷ ва болову мусибате, ки ба шумо бирасад, бар Ӯ сахту гарон меояд. Ба шумо муҳаббат меварзад ва исрор ба ҳидояти шумо дорад ва нисбат ба мӯминон дорои муҳаббату лутфи фаровон ва мерубони зиёд аст".

Ва симои алоқа ва пайвандаш бо Асҳобу ёронашро чунин васф мекунад: " فَبِمَا رَحْمَةٍ مِنَ اللَّهِ لِنْتَ لَهُمْ وَلَوْ كُنْتَ فَظًّا غَلِيظَ الْقَلْبِ لَانْفَضُّوا مِنْ حَوْلِكَ", "Аз партави раҳмати илоҳист, ки Ту бо онон нармиш намудӣ ва агар дурушхӯ ва сангдил будӣ, аз атрофат пароканда мешуданд".

Фарде аз яҳуд забонашро дар таҳия ва салом кардан бар Паёмбар (с) бо чарандиёте олӯда кард ва ба ҷои "Ассалому алайкум" гуфт: "Сомун алайкум", яъне: (марг бар шумо). Дар ин ҳангом Ойиша (р) хашмгин шуд ва ӯро ба боди дашном ва носазо гирифт. Аммо Расули Аллоҳ (с) дар ҷавобаш калимаи "Ассалом"ро бар он изофа накард ва фақат фармуд: "Ва алайкум" (ба худатон бод). Сипас ба Ойиша (р) фармуд:

“Худованд мадоро ва нармиро дар тамоми корҳо дӯст медорад”. Яъне Худованд дар амри дину дунё, чӣ дар гуфтор ва чӣ дар амал, нармиш ва утуфатро дӯст медорад.

Ва аз ҳамон Ойиша (р) ривоят шуда, ки фармуд: “Худованд меҳрубон ва осонгир аст ва меҳрубонӣ ва осонгириро дӯст медорад ва бар нармишу осонгирӣ мебахшад он чиро, ки бар хушунату тундхӯӣ намебахшад”.

Боз ҳамон Ойиша (р) ривоят мекунад, ки фармуд: “Мадоро ва нармиш бо ҳар чиз ҳамроҳ шавад, онро зинат ва зебо месозад ва агар аз ҳар чизе ҷудо шавад, онро маъюб ва ноқису зишт месозад”. Бо ин умумияте, ки омада, шомили ҳамаи чиз мешавад.

Аз Ҷарир бин Абдуллоҳ (р) низ чунин ривоят шуда, ки Расули Аллоҳ (с)ро шунидам, ки мефармуд: “Ҳар кас мадоро ва риққату нармхуиро ҳаром кунад, тамоми хӯбиҳо ва некиҳоро ҳаром кардааст”.

Пас чӣ муҷозоту кайфари шадиде бояд дошта бошад, он касе, ки бо ҳаром кардани як хубӣ, тамоми хӯбиҳоро ҳаром мекунад!!

Ман ба ҳамин миқдор аз нусус басанда мекунам, чун, ки барои иқнои фарзандонам -касоне, ки роҳи таҳоҷум ва хушунатро дар пеш гирифтаанд- кофӣ медонам, то аз роҳу равиши хушунатомез, ба роҳи ҳикматомез ва андарзҳои накӯ бигардонанд ва собитқадам бошанд..

## Нукоте чанд дар одоби даъвату гуфтугӯ

Дӯст дорам дар ин ҷо нукоте чанд дар бораи одоби даъват ва гуфтугӯ ба хотири аҳамияти вижае, ки доранд ёдоварӣ кунам ва он ин, ки:

**Аввал**: воҷиб аст ҳаққи падару модарӣ ва эҳтиром ба онҳо риоят шавад ва ҷоиз нест бо падарону модарон, ҳамчунин бо бародарону хоҳарон, бо даъвои ин, ки чун гунаҳгору осӣ ё бидъаткор ва мунҳариф ҳастанд, бархурди дурушт ва хашин намуд. Ин амр ба ҳеҷ ваҷҳ боиси он намешавад, ки ҳуқуқашон, хусусан ҳаққи волидайн дар нармиши қавлу гуфтор бо онҳо аз байн биравад: “ **وَإِنْ جَاهَدَاكَ عَلَى أَنْ تُشْرِكَ بِي مَا لَيْسَ لَكَ بِهِ عِلْمٌ فَلَا تُطِعْهُمَا وَصَاحِبْهُمَا فِي الدُّنْيَا مَعْرُوفًا**”, “Ҳаргоҳ он ду талошу кӯшиш кунанд, ки чизеро шарики ман қарор диҳӣ, ки камтарин огоҳӣ аз будани он суроғ надорӣ, аз ишон пайравӣ накун (вале дар айни ҳол) бо ишон дар дунё ҳамеша ба тарзи шоиста рафтор кун”.

Дар ин оят баҳс аз гуноҳи бузургтар аз ширк ба миён омада ва он ин, ки талошу кӯшиш ҷиҳати кашондан ва инҳирофи мӯмин ба ширк мебошад: ҳол ин гуноҳ ҳар чанд аз тарафи падару модар ҳам бошад ва он ду гуноҳи бузуртар аз ширк ҳам анҷом диҳанд, Худованд дар ин сурат аз итоати онҳо манъ мекунад, аммо дар айни ҳол ба некӣ ва хушрафторӣ бо ишон амр мефармояд ва нишон медиҳад, ки гуноҳон ҳар чанд ҳам бурузг бошанд, боис намешаванд, ки ҳаққи падару модариашон риоят нашавад. Худованд фардро аз итоати волидайнаш дар ин маврид боз медорад ва ба некрафторӣ ва мусоҳабат бо онҳо ба шеваи шоиста ва писандида амр фармояд.

Ҳар кас баҳсу гуфтугӯи Иброҳим (а) бо падарашро дар Қуръони Карим дар сураи “Марям” бихонад, чигунагии одоби фарзанд дар даъвати падаронро ва агар чӣ мушрик ҳам бошанд ва ба шикр ҳам даъват кунанд ва исрор дошта бошанд, хоҳад дид.

Пас агар падару модар мусалмон бошанд ва ҳатто нофармонӣ кунанд ва мухолифат ҳам намоянд, ҳақашон чӣ гуна хоҳад буд?!

**Сониян**: ҳақии сину сол ва бузургӣ ва кӯчакии онро риоят кунанд ва ба онҳо эҳтиром бигзоранд ва набояд байни он фарқ ва ҷудоӣ андозанд.. шоиста нест бо бузургон монанди кӯчак сухан бигӯянд ва бо пирон ҳамчун ҷавон рафтор намоянд, ба пиндори ин, ки Ислом ҳамаи мардумро баробар ва яксон медонад. Ин фаҳми ғалат ва нодурусте аз он мусовотест, ки хоста шудааст: яъне мусовот ва баробарӣ дар кароmату инсоният ва ҳуқуқи умумияшон, ки тамоми инсонҳо дар он баробаранд ва ҳеҷ гуна мунофоте бо ҳуқуқи вижае, ки риояташ воҷиб аст, надорад: мисли ҳуқуқи хешовандӣ, ҳамсарӣ, ҳамсоягӣ, вилояти амр ва ғайра.

Аз одоби Ислом аст, ки кӯчак ба бузург эҳтиром бигзорад, ҳамчунон воҷиб аст бузург ба кӯчак меҳрубонӣ кунад. Дар ҳадиси набавӣ омадааст: “Аз мо нест касе, ки кӯчаки моро набахшад, бо ӯ меҳрубон набошад, бузурги моро эҳтиром нагзорад ва ҳаққи олиму донишманди моро нашиносад”. Ва ин яъне ин, ки лозим аст ҳақашонро бишносад.

“Аз мо нест”.. ба ростӣ чӣ чизе аз ин безорӣ шадидтар аст?! Ҳар кас ҳар чӣ қадар ҳам бихоҳад, онро таъвил кунад.

Дар ҳадиси дигаре омадааст: “Эҳтиром ва гиромидошти касе, ки муйҳояш сафед шудааст, аз иҷлолу бузургдошҳои Худованди мутаол аст”.

**Солисан**: Ҳаққи собиқадоронро ҳифзу муроъот кунанд. Касоне, ки собиқае дар даъвати Худо ва таълими мардум ва корҳои неку шоиста доранд ва ё дар нусрати дини Худо имтиҳони накӯ пас дода ва ба хубӣ ҷиҳод кардаанд, шоиста нест фазилату собиқаашон инкор ва ё ба хотири ошкор шудани нишонаҳои пирӣ ва заъфу сустӣ ва беҳолӣ, баъд аз ҷавонӣ ва нерӯ ва фаъол буданашон таъна зада ва аз онҳо айбҷӯӣ шавад, зеро хайру накӯи собиқае, ки дар ҷиҳодашон доранд, захирае дар ҳисоб ва пасандозе барояшон маҳсуб мешавад, ки метавон барояшон шафоат ва васотат кунад.

Ман инро ҳамин  тавр аз худам намегӯям, балки ин чизест, ки Паёмбари Худо (с) дар шаъни “Ҳотиб бин Абибалтаъа” қарор дод: замоне, ки гомҳояш ба чизе, ки шабеҳи хиёнат аст, лағжид, дар замони фатҳи Макка ба мушрикини Қурайш нома навишт ваононро аз ҳадафу нақшаи Паёмбар (с) ва теъдоди лашкараш, ки барои фатҳи Макка таҷҳиз шуда буд, хабар дод: бо вуҷуди хости Паёбмар (с), ки шадидан алоқа дошт, ин ҳаракат махфӣ бимонад ва комилан маҳрамона сурат бигирад... дар ин ҳангом чизе, ки Умар бин Хаттоб (р)  гуфт: ин буд: “Бигзоред эй Расули Аллоҳ! то гарданашро бизанам, чун ин мард нифоқ карда ва қатъан мунофиқ аст”. Аммо Паёмбар (с) дар ҷавоби Умар (р) чунин фармуд: “Шумо чӣ медонед, Худованд бар нияти Аҳли Бадр огоҳ аст ва фармуда: ҳар коре, ки хостед анҷом диҳед, чун ман шуморо мебахшам!”.

Дар инҷо собиқаи ин мард ва ҷиҳодаш дар рӯзи Бадр –рӯзе, ки мӯмину мунофиқ аз ҳам ҷудо ва шинохта шуданд- Паёмбар (с)ро бар он дошт, ки узрашро бипазирад ва боис шуд, ки ба сухани асҳобаш ин чунин дар мавриди тамоми касоне, ки дар маъракаи Бадр ширкат доштанд, сухан бигӯяд..

## Бо тӯдаи мардум зиндагӣ кунед

Мутаъоқибан ин ҷавононро насиҳат мекунам, ки хомисан: аз осмони рӯёҳо ва хаёлпардозиҳо ба сарзамини воқеиятҳо фуру оед ва бо тӯдаҳои мардум зиндагӣ кунед.. бо ҳамватанон, санъаткорон, пешагарон, кишоварзон, коргарон, талошгарон, муҷоҳидон ва ғайра.. инҳо ҳама аъзои кӯчаку резе аз шаҳрҳои бузурге ҳастанд, ки дар маҳаллаҳо ва кӯчаҳои тангу амиқи он ва ё дар рустоҳое, ки барои касби ризқу рӯзӣ талоши зиёде мекунанд, ба зиндагӣ идома медиҳанд.

Агар бо ин мардуми заҳматкаш зиндагӣ кунанд, фитрати солим ва қалбҳои беолоиш ва покашонро мебинанд ва танҳо аҷсомеро меёбанд, ки ба хотири кори зиёд шикаста ва кӯбида шудаанд.

Ба ҷавонон тавсия мекунам, ки дар байни мардум дар мавзеашон фуруд оянд ва манзил гузинанд, то дар амри таълим ва саводомӯзии бесаводон, то замоне, ки битавонанд бихонанд: дар кӯмак кардан ба муҳтоҷон то ҷое, ки эҳтиёҷашон бартараф шавад, дар бедории хилофкорон то он ҷое, ки иваз шаванд, дар панд додан ва насиҳат кардани гунаҳкорон то замоне, ки баргарданд, дар пардабардорӣ ва ифшои мунофиқон, то замоне, ки нифоқи худро пинҳон мекунанд, дар тохтан бар ришвахорон

ва ришавгирон, то он ҷое, ки ҷилавашон гирифта шавад, дар хидмат ба мазлумон, то ҷое, ки сустӣ ва заъфашон бартараф гардад ва дубора бар сари қуввату нишот оянд ва ғайра, дар тамоми ин умур саҳим шаванд.

Ин ҷавонон бояд ҳайатҳо ва анҷуманҳоеро барои маҳв ва аз байн бурдани бесаводӣ, ҷамъи закот ва тавзеи он, ислоҳ байни мардум, муборизаи пайгир бо амрозу бемориҳои фарогир ва ҳамагонӣ, пайкору дармони доимии эътиёд аз сигор гирифта, то мускирот ва маводи мухаддир, мамонеат ва ҷилавгирӣ аз одоти музир ва зиёновар ва ба ҷои он нашр ва ривоҷ додани одоти шоиста ва накӯ, ташкил диҳанд.

Чӣ қадар зиёданд майдонҳое, ки ба талошу кӯшиши ин ҷавонон, ба иродаи устувор ва фулодин ва ба ҳамосаҳо ва шуҷоатҳояшон ниёз доранд.

Эй ҷавонони Ислом! Худро аз мардум дӯр насозед ва ҷудо накунед ва тарк нагӯед.. мардуме, ки падарону модарон ва бародарону наздиконатон ҳастанд. Баргардед ва бо тӯдаи мардум робита барқарор кунед ва бо онҳо рафту омад намоед. Дар ғаму андуҳ ва сахтиҳову ранҷҳояшон шарик шавед, даст бар шонаҳояшон бизанед ва ба онҳо умед диҳед. Ашкҳои ятимонро пок кунед ва рӯи бенавоён лабханд бизанед, бори сангине, ки бар дӯши ранҷдидагон ва сахтикашидагон афтода, сабӯк кунед. Бечорагон ва ситамдидагонро паноҳ диҳед, шикасти шикастхурдагонро ҷуброн намоед, захми қалбҳои маҳзун ва дардкашидаро дармон кунед, ҳол чӣ бо амали накӯ, ё бо гуфтани калимаи поку зебо ва ё бо лабханди содиқона ва самимона!.

Қиём ва ба похестан барои ба хидмат ба ҷомеа ва таъовуну ҳамкорӣ бо он – ба вижа кӯмак ба гуруҳҳои заифу нотавоне, ки

дар он ба сар мебаранд- ибодатест бас бузург ва арзишманд, ки аксари мусалмонони имрӯза аз он ғофиланд ва онро нек намепиндоранд. Бо ин, ки дар Ислом таъолими зиёде омада, ки ба корҳои хайру шоиста ва амр ба анҷоми он даъват мекунад ва онро фаризаи рӯзона бар ҳам мусалмоне медонад.

Дар китоби худ “ибодат дар Ислом” баён кардаам, ки: Ислом ба таҳқиқ майдон ва доираи ибодатро васеъ ва густарда месозад, ба тавре, ки аъмоли зиёдеро дарбар мегирад, ки ҳатто дар фикри мардум ҳам хутур накарда ва ҳеҷ кас тасаввур намекунад, ки дини Ислом тамоми ин корҳоро ибодату қурб ва наздикӣ ба Худо қарор дода бошад.

Ислом ҳар амали иҷтимоиро, ки нофеъ ва сӯдманд бошад, бартарин ибодатҳо қарор додааст, албатта модоме, ки ҳадафи фоил ва анҷомдиҳандаи он хайру салоҳ бошад ва ба умеди мадҳу сано ва касби шуҳрат назди мардум набошад, то бадин васила битавонад бар онон такаббур варзад ва фахр бифрушад.

Ҳар амале, ки инсон бо он дасте бар ашкҳои инсони маҳзун ва ғамдидае бикашад, ё бо сахтӣ ранҷдидаеро тахфиф диҳад, захмҳои инсони мусибатзада ва накбатзадаеро муолиҷа кунад, монеи фақру нотавонии инсони маҳруме шавад, ба василаи он нерӯ ва қуввати мазлумеро шиддат бахшад, ӯро аз фишору тангӣ наҷот диҳад, бадеҳӣ ва қарзи сангини касеро бипардозад, дастгири фақири покдомане, ки аёлдор аст, шавад, саргардон ва гумшудаеро ҳидоят кунад, нодонеро таълим диҳад, ғариберо паноҳ диҳад, шарреро аз махлуқи Худо дӯр созад, мавонеъеро аз сари роҳ бардорад, нафъе ба касе бирасонад ва ғайра, тамоми инҳо дар сурате, ки дар он нияти солиме нуҳуфта бошад, ибодату қурби илоҳӣ маҳсуб мешавад.

Аъмоли зиёде аз ин навъ ҳастанд, ки Ислом онҳоро аз ибодатҳои Худованд ва шуъбаҳои имон ва муҷиботи подош назди Худованди Мутаъол ба ҳисоб овардааст.

Агар мо дар ин боб аҳодиси Паёмбар (с)ро мутолиа кунем, мебинем, ки Ӯ ҳаргиз ба фарзу воҷиб намудани ин гуна ибодот бар инсон -аз онҷо, ки ӯ инсон аст ва ҳамин кофист- иктифо накарда, балки дар матлаб ва анҷомашон шиддат ба харҷ дода ва онҳоро бар тамоми мафосилу аъзои резу дурушти баданашон низ фарз намудааст, ки “бар ҳам устухони резу кӯчаке ҳар рӯз, ки хуршед тулу кунад, садақае воҷиб аст: агар байни ду нафар адолат ва баробарӣ барқарор кунад, барояш садақае аст. Агар ба бародараш дар савор кардан ё ҳамл намудани бор ва колояш бар болои чаҳорпояш кӯмак кунад, садақаест. Ҳар калимаи пок ва тайибаеро бигӯяд, ҳар гомеро барои намоз бардорад, ҳар монеъро аз сари роҳ дӯр созад, барояш садақа аст”.

Ибни Аббос (р) низ монанди инро аз Расули Аллоҳ (с) чунин ривоят кардааст: “Бар ҳар узви инсон ҳар рӯз намозе воҷиб аст! Марде дар он байн гуфт: ин сахтарин чизест, ки то ба ҳол ба мо гуфтаӣ! Фармуд: “Амр кардан ба корҳои нек ва боздоштан аз корҳои зишт, як намоз аст, кӯмак кардан ба заифон, як намоз аст. Олӯдагиҳо ва касофатеро аз сари роҳ бармедорӣ ва дӯр месозӣ, ин худ як намоз аст, ҳар қадамеро, ки барои намоз бармедорӣ, худ як намоз аст”.

Ва мисли ҳамин ривоят аз Бурайда (р) аз Расули Аллоҳ (с) ривоят кардааст, ки фармуд: “Дар инсон се саду шаст мафсал вуҷуд дорад, пас бар ӯ воҷиб аст, ки барои ҳар мафсале садақае диҳад! Гуфтанд: чӣ касе тоқату тавони ин корро дорад, эй Расули Аллоҳ?! гумон кардан, ки манзураш садақаи молист- фармуд:

бар рӯи балғам, ё оби бинӣ дар масҷид хок мерезӣ ва чизеро аз сари роҳ дӯр месозӣ ва...”.

Аҳодиси зиёде дар ин бора ворид шудаанд, ки ҳатто лабханди мусалмон дар рӯи бародарашро садақа донистаанд. Кӯмак ба шунавоии нашунавоён, дастгирӣ ва раҳнамоии нобиноён, иршод ва раҳёбии афроди саргардон ва гумшуда, шитоб дар посӯх ба фарёди ғусадорон ва афсусхурдагон, кӯмак ба заифон ва он чӣ дар ин мадор аз аъмол мечархад, Расули Аллоҳ (с) онро ибодати арзишманд ва садақаи пок шумурдааст.

Бадин тартиб шахси мусалмон дар муҷтамае зиндагӣ мекунад, ки чашмаи ҷӯшон аз хайру раҳмат доимо дар фаврон аст ва нафъу баракат аз он сарозер мешавад. Корҳои нек анҷом медиҳадд ва ба он даъват мекунад, тамоми тавони худро дар анҷоми он ба кор мебарад ва ба он раҳнамоӣ менамояд ва ҳамон гуна, ки Расули Аллоҳ (с) ӯро ташвиқ мекунад, калиде барои корҳои нек ва қуфле барои корҳои зишту нописанд мешавад: чуноне, ки дар ҳадиси Ибни Моҷа омадааст: “Хушо ба ҳоли бандае, ки Худованд ӯро калиде барои хайр ва қуфле барои шар қарор додааст”.

Баъзе аз афроди аҷулу ҳамоса ва ҳаяҷонӣ мегӯянд: ин аъмоли иҷтимоӣ, боиси таътили нашри даъвати исломӣ ва бедорӣ ва огоҳии мардум ба ҳақ ва ҳақиқат мешавад, дар ҳоле, ки ин ҳадаф аз саргарм шудан ба ин корҳо, басе воҷибтару заруритар аст.

Ман ба онҳо мегӯям: амали иҷтимоӣ худ навъе даъват аст ва он дар воқеъ даъватест барои мардум дар мавқеиятҳояшон, даъвате, ки бо амал ҳамроҳ аст. Зеро даъват танҳо сухан ва каломе нест, ки гуфта ё навишта шавад, балки талошу муҷоҳада

дар умури мардум ва ҳалли муштилоташон аст, ки онҳоро ба андешаи матлуб ва хостаашон наздик месозад.

Худованд имом Ҳасанулбанноро раҳмат кунад, ки ба дурустӣ ин масъаларо дарк кард буд. Ӯ анмҷуманҳоеро ба вуҷуд оварда, ки ба корҳои нек ва хидмати иҷтимоӣ бипардозанд.

Ҳар мусалмоне ҳамон гуна, ки ба рукуъу суҷуд ва ибодати Худованди Мутаъол амр шуда, ба анҷоми корҳои шоиста барои мардум низ амр шудааст. Қуръони Карим мефармояд: " يا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا ارْكَعُوا وَاسْجُدُوا وَاعْبُدُوا رَبَّكُمْ وَافْعَلُوا الْخَيْرَ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ (٧٧) وَجاهِدُوا فِي اللَّهِ حَقَّ جِهادِهِ هُوَ اجْتَباكُمْ", "Эй мӯминон! Рукуъу суҷуд кунед ва Парвардигори хешро ибодат кунед ва корҳи нек анҷом диҳед, то растагор шавед ва дар роҳи Аллоҳ ҷиҳоду талош кунед, он гуна, ки шоистаи ҷиҳоду талош дар роҳи ӯст. Худованд шуморо баргузидааст..".

Тибқи ин оят се бахши рисолати мусалмон дар зиндагиашро ташкил медиҳад: бахше, ки пайванду иртиботи он бо Худоро маҳдуд мекунад, ки дар ибодати Худованд таҷассум меёбад.. бахше, ки алоқа ва пайвандаш бо ҷомеаро муайян месозад, ки дар корҳои нек шакл мегирад.. ва бахши охир, ки робитааш бо қудратҳои шарро мушаххас мекунад, ки дар ҷиҳод дар роҳи Худо сурат мегирад.

Пас агар касе худро бо афъоли хайр дар ҷомеа машғул созад, худро ба чизе саргарм сохтааст, ки Худованд бар ӯ воҷиб кардааст ва ҳар кас ин гуна амал кунад, назди Худованд маъҷур аст ва подош мегирад ва назди мардум ҳам маҳмуд ва сутуда хоҳад буд.

Ҳамчунин баъзе аз онон мегӯянд: ташоли даъватгари Ислом бояд дар барпоии давлати исломӣ тамаркуз ёбаду бас,

давлате, ки тибқи он чӣ Худо нозил фармудааст, ҳукумат кунад, тамоми шууни зиндагиро бар асоси Ислом устувор созад ва дар дохил онро пиёда ва иҷро кунад ва дар хориҷ онро таблиғ намояд!

Ҳангоме, ки чунин давлате барпо ва мустақар шавад, дар он вақт аст, ки мутаваллӣ ва уҳдадори тамоми эҳтиёҷот ва хостаҳои ҷомеа мешавад ва оғоз ба таълими комил барои ҷоҳилон ва бесаводон, кор барои ҳамаи бекорон, замонату кафолати ҳамаи оҷизону заифон, таъмини ниёзи муҳтоҷон, дармони ҳамаи маризон, ёрӣ ва адолати ҳамаи мазлумон.. мекунад.

Бар мо воҷиб аст, ки барои эҷоди чунин давлате даст ба кор шавем ва набояд вақтро дар пардохтан ба ҷузиёт ва ислоҳоти ҷонибӣ зоеъ созем ва фурсатро аз даст диҳем. Ин кор монанди доруҳои таскиндиҳандае мемонад, ки фақат мувaққатан дардро таскин мебахшанд, дар ҳоле, ки дорӯҳои мавриди ниёз, дорӯҳое ҳастанд, ки амрозро аз решаҳояш дармекашад ва бартараф мекунад!

Боз ба ин бародарон мегӯям: барои барпоии давлати исломӣ, давлате, ки бо шариат ва барномаи илоҳӣ ҳукумат кунад ва мусалмононро мутаҳид ва якпорча созад ва ҳамаро зери парчами ягонаи Ислом гирд оварда, бар ҳамаи уммати исломӣ воҷиб аст, ки барои эҷоди он талош кунанд ва бар даъватгарони исломӣ лозим аст ҳар чӣ ки дар тавон доранд, барои расидан ба ин ҳадафи мавриди назар сарф кунанд, беҳтарин равишҳо ва барномаҳоро ба кор баранд, беҳтарин роҳҳо ва шеваҳоро пеш гиранд, то тамоми талошҳо ва кӯшишҳои парокандаро мутамаркиз созанд. Аклҳои машкук ва мутарадидро қонеъ намоянд.. мавонеи фаровонеро, ки музоҳим ҳастанд, аз сари роҳ

канор зананд.. пештозон ва машъалдоронеро, ки мехоҳанд тарбият кунанд ва тамоми оро ва назароти маҳаллӣ ва оламиро барои пазириши фикру андешаи Ислом ва барпоии давлаташон маътуфу омода созанд.

Тамоми инҳо ба замони зиёд ва сабри накӯ эҳтиёҷ доранд, то ҳамаи ин васоилу асбоб муҳайё ва фароҳам шавад ва мавоне аз байн бираванд ва шароит фаровоне омода гарданд ва ниҳоятан мева ва самари аслӣ бирасад ва дарахти он ба бор биншинад.

Барои ин, ки ин ҳадаф амалӣ шавад, лозим аст мардум ҳар он чӣ, ки метавонанд моя бигзоранд барои хидмат ба аҳли хонавода ва ислоҳи ҷомеае, ки дар байни афродаш зиндагӣ мекунанд ва манзилу маъво гузидаанд, машғул ба кору талош шаванд ва албатта Худованд ҳеҷ касро, магар ба андозаи вусъу тавонаш мукаллаф намесозад, ин барои он пешравону пештозони мавриди назар худ тарбиятест, ки метавонанд комилан обдида ва бо таҷриба шаванд ва барои тавоноӣ ва қудраташон ҷиҳати раҳбарии ҷомеа ва таъсир дар он, имтиҳони хубе метавонад бошад.

Агар ин амалро хуб намедонанд, ки шахси мусалмон дар ҷомеа бемореро бубинад ва битавонад барои муолиҷаи он аз тариқи дармонгоҳи мардумӣ ё бемористони хайриявӣ иқдом намояд, пас бояд дар ин сурат аз ин кор худдорӣ кунад, то замоне, ки давлати исломӣ барқарор шавад ва дар он мавқеъ давлат мутаъаҳҳиду уҳдадори муолиҷа ва мудовои беморон хоҳад буд!

Ва агар ин корро нек намешуморанд, ки як нафари мусалмон фуқарову зуафо ва дармондагонро бубинад ва қодир бошад онҳоро бо ташкили сандуқе ба хотири ҷамоварии закот аз

сарватмандон ва истирдоди он ба фуқаро кӯмаку ёрӣ диҳад, пас ин корро намекунад, то давлати исломӣ барқарор шавад?, дар ҳоле, ки бо ҳамин ҳаракатҳо аз тариқи таъмин ва такофули иҷтимоии комил, устувору истиқрор меёбад.

Ва агар шоиста намедонанд, ки шахси мусалмон дар ҷомеа афродеро атрофи худ бубинад, ки бо ҳамдигар душманӣ меварзанд ва ба ҷангу ҷидол мепардозанд, пас дар ин сурат даст ба сина менишинанд ва ҳеҷ иқдоме намекунад, то билохира оташи хусумат тару хушкашонро бисӯзонад ва то замони истиқрори давлати исломӣ мунтазир мемонад, то байни мардум адлу дод ва сулҳу оромиш ва дӯстию сафо барқарор кунад ва бо гурӯҳе, ки таъаддӣ ва бартариҷӯӣ мекунад ва сулҳро намепазирад, биҷангад, то ба итоат аз фармони Худо баргардад.

Бадин тартиб, беҳтарин кор ва сазовортарин роҳ инаст, ки мусалмон дар ҳадди тавон дар баробари шарру бадӣ муқовимат ва истодагарӣ намояд ва корҳои хайру шоиста анҷом диҳад ва даст рӯи даст ҳам нагузорад, зеро ҳар касе тавони анҷоми кори хайр ва агар чӣ ба андозаи як мисқоли зараро ҳам дорад, ба ҳамин ҷиҳат Худованд мефармояд: “فَاتَّقُوا اللَّهَ مَا اسْتَطَعْتُمْ”, “То ҷое, ки метавонед аз Худо битарсед ва тақво пеша кунед”.

Масали он давлати исломӣ, ки ҳамосаҷӯён барои ташкили он ҷор мезананд, монанди дарахтони зайтун ва хурмоеро мемонад, ки дар боғчае кошта шудаанд ва интизор намеравад, ки мева ва самарае ба ин зӯдӣ диҳанд, магар баъд аз чанд сол. Ҳоло оё соҳиби боғ ҳамин тавр меистад ва даст рӯи даст мегузорад? оё ҳеҷ кори дигаре надорад, ки анҷом диҳад? оё то замоне, ки дарахтони хурмо ва зайтун ба самар биншинанд, ҳеҷ меваи дигаре вуҷуд надорад, ки бичинад? Ҳаргиз, ба ҳеҷ ваҷҳ ин корро

намекунад, балки шуру ба коштани сабзиҷот ва зироатҳо ва он чӣ, ки зудтар ва саретар мева медиҳанд, менамояд ва бадин тартиб, замини худро сарсабзу хурам мекунад ва вақташро талаф намесозад, худро бо он чӣ ба ӯ ва атрофиёнаш сӯд мерасонад, машғул месозад ва дар айни ҳол ба зайтунҳо ва хурмоҳояш низ мерасад ва сар мезанад ва то замони бардошти маҳсулашон ба хубӣ аз онҳо нигаҳдорӣ мекунад!

## Нисбат ба мусалмонон ҳусни зан (гумони нек) дошта бошед

Охирин насиҳати ман ба фарзандони ҷавонам инаст, ки шашум: дар бархурд бо мардум бо диди поку мусбат ба онҳо назар намоянд ва дар зеҳни худ ҳамеша нуқоти мусбатро дар назар гиранд ва хайру хубиро фарз кунанд ва қабл аз ҳар чӣ ба онҳо ҳусни зан дошта бошанд, то бидонанд, ки асл ҳамон раҳоӣ аз гуноҳ ва беҳбуди ҳоли мусалмонон бар асоси хайру салоҳ ва некӣ аст.

Дар ин ҷо назароти сегонае матраҳ мешаванд, ки ба ин роҳу равиши накӯ ва писандида кӯмак мекунанд:

**Аввал**: ин ки бо мардум нисбат ба эътибори воқеиашон рафтор кунанд. Ба ин, ки онҳо башаре болои замин ҳастанд ва малоика нестанд ва бол надоранд ва аз нӯр ҳам офарида нашудаанд, балки аз гили гандида офардиа шудааннд, бинобарин агар хатое анҷом диҳанд, бидонанд, ки ҳамаи фарзандони Одам хатокоранд ва агар муртакиби гуноҳе шаванд, падарашон Одам (а) низ дар ҳамон ибтидо муртакиби гуноҳ ва аҳдшиканӣ гардидааст: "وَلَقَدْ عَهِدْنَا إِلَى آدَمَ مِنْ قَبْلُ فَنَسِيَ وَلَمْ نَجِدْ لَهُ عَزْمًا", "Дар оғози

кор мо ба Одам фармон додем, аммо ӯ фаромӯш кард ва тарки фармон намуд ва аз ӯ тасмими дуруст ва иродаи устувор надидем".

Пас аслан аҷиб нест, ки мардум лағжише анҷом диҳанд ва бедор шаванд, даст ба  гуноҳ зананд ва ба роҳи рост баргарданд. Коре, ки мо бояд анҷом диҳем, инаст, ки дарҳои умедро барои афву мағифираташон боз кунем ва дар канори он онҳоро аз иқобу азоби Худо битарсонем..  лизо инсони фаҳмида ва бо тарҷира касест, ки бандагони Худоро аз раҳматаш маъюс нагардонад. Дар ин маврид ҳамин бароямон кофист, ки Худованд ба фиристодааш чунин фармон медиҳад: " قُلْ يا عِبادِيَ الَّذِينَ أَسْرَفُوا عَلى أَنْفُسِهِمْ لاَ تَقْنَطُوا مِنْ رَحْمَةِ اللَّهِ إِنَّ اللَّهَ يَغْفِرُ الذُّنُوبَ جَمِيعاً إِنَّهُ هُوَ الْغَفُورُ الرَّحِيمُ", "(Эй Паёмбар! аз қавли ман ба мардум) бигӯ: эй бандагонам! эй касоне, ки дар маъсиятҳо ва гуноҳ зиёдаравӣ ҳам кардаед! аз лутфу марҳамати Худо маъюсу ноумед нашавед, зеро Худованд ҳамаи гуноҳонро мебахшад, ба ростӣ Ӯ бисёр омурзгору бас меҳрубон аст".

Бингаред, ки чӣ гуна Худованди Пок тарсу ваҳшатро аз ишон мезудояд, ҳангоме, ки онҳоро бо лафзи "эй бандагони ман" мавриди хитоб қарор медиҳад, ва ба Зоти муқаддаси худ изофа мекунад.. шигифто! чӣ лутфи бузургест дар ҳақашон! Бубинед, ки чӣ гуна онҳоро дар соҳати худ  наздик месозад ва сипас ба ин шакл дарвозаи мағфираташро барои тамоми гуноҳонашон боз мегӯшояд, гуноҳоне, ки ҳар чӣ қадар бузург бошанд, аммо афву мағфират ва раҳмати Худо басо бузургтар аст!.

**Дуввум** ин, ки:  мо маъмур ҳастем, ки ҳамеша ба зоҳир ҳукм кунем ва ботинҳо ва умури пинҳониро ба Худо биспорем.

Пас ҳар кас шаҳодат диҳад, ки “ҳеҷ маъбуде ҷуз Худои ягона нест ва Муҳаммад фиристодаи Ӯст”, мо дар зоҳири амр ба исломаш ҳукм мекунем ва ботинашро ба донандаи ҳамаи пинҳониҳо вогузор мекунем, то рӯзе, ки ҳамаи асрору пинҳонҳо кашфу ошкор мешаванд.

Дар ҳадиси сеҳеҳ омадааст, ки “ أمرت أن أقاتل الناس حتي يقولوا لا إله إلا الله، فإذا قالوها فقد عصموا مني دماءهم و أموالهم إلا بحقها، و حسابهم علي الله”, “Ба ман амр шуда, ки бо мардум биҷангам, то замоне, ки бигуянд: ҳеҷ маъбуде ҷуз Худои ягона нест, пас ҳаргоҳ онро бигӯянд, аз тарафи ман хуну молашон магар ин, ки ба ҳақ бошад, осебе нахоҳад расид ва ҳисобашонро ба Худо месупорам”.

Ва ба ҳамин далел Паёмбар (с) бо мунофиқин - касоне, ки медонист нифоқашон ботинӣ аст - бар ҳасби зоҳирашон амал мекард ва аҳкоми Исломро ба ин асос бар онҳо иҷро менамуд, дар ҳоле, ки дар хафо ҳамеша барои фиреб додани Паёмбар (с) тавтеачинӣ ва нақшарезӣ мекарданд ва ҳатто замоне, ки баъзе аз мардум ба Ӯ пешниҳод карданд, ки онҳоро бикушанд ва аз шарру макрашон роҳат шаванд, фармуд: “метарсам мардум ба ҳамдигар бигӯянд, ки Муҳаммад асҳобашоро ба қатл мерасонад”.

**Саввум** ин, ки: ҳар кас ба Худо ва Расулаш имон оварад, ҳар чанд зоҳираш дар анҷоми гуноҳ ғутавар бошад ва дар лаҷанзори гуноҳони кабира ҳам дасту по занад, боз ҳам аъмоқи дарунашон аз хайру некӣ холӣ намешавад ва вуҷудаш аз шарри маҳз пур намегардад.

Ин дуруст аст, ки гуноҳ -агар бузургу фоҳиш бошад - имонро хадшадор мекунад ва аз он мекоҳад, вале ҳаргиз онро

решакан намесозад: модоме, ки қасдан таъаддӣ ва муборизаталабӣ бо қудрату султаи Худованд набошад ва ҳаромашро ҳалол ва ё амру наҳяшро беарзиш нанамояд.

Дар ин маврид метавон беҳтарин улгӯ ва намунаи худро Расули Худо (с) қарор диҳем, ки бо афроди гунаҳкор, меҳрубонтарини мардум буд ва маъсияту гуноҳи касе монеи боз кардани қалбаш барояш набуд ва ба ӯ нигоҳ мекард, ҳамонгуна, ки як табиб ба як бемор нигоҳ мекунад ва ҳеҷгоҳ нигоҳаш ба ӯ ҳамчун нигоҳи пулис ба муҷрим набуд!.

Ҷавоне аз Қурайш назди Паёмбар (с) омад ва аз Ӯ хост, ки дар "зино" ба ӯ иҷозат диҳад! Асҳоби Паёмбар (с) ба хотири ин кораш бар ӯ шуриданд ва нороҳат шуданд, аммо мавқифи Паёмбар (с) дар баробараш мавқифи дигар ғайр аз Асҳоби кироmaш буд: фармуд: "наздик шав!.. сипас наздаш омад, фармуд: оё дӯст дорӣ ин кор бо модарат анҷом шавад? гуфт: на, ба Худо қасам на! фидоят шавам. Паёмбар (с) фармуд: мардум ҳам дӯст надоранд бо модарашон чуниш шавад. Ва сипас ҳамин ҷумларо дар мавриди духтару хоҳар ва аммаву холааш низ такрор намуд.. ва дар тамоми маврид фармуд: оё дӯст дорӣ бо ӯ чунин шавад? ӯ ҳам мегуфт: на! ба Худо қасам дӯст надорам, фидоят шавам эй Расули Аллоҳ! Паёмбар (с) ҳам мефармуд: пас бидон, ки мардум ҳам дӯст надоранд.. ва бадин тартиб аз ӯ даст бардошт ва фармуд: "Парвардигор! гуноҳашро бубахш ва қалбашро пок гардон ва шармгоҳашро маҳфуз бидор!.. ва баъд аз ин ҷараён дигар мутаваҷҷеҳи чизе аз ӯ нашуд".

Бубинед, ки Расули Худо (с) чӣ гуна бо утуфату меҳрубонӣ бо некӣ ва назари мусбат, наздиктар месозад ва аз шарру бадӣ дӯр медорад. Гуфтугуяшро бо ӯ қатъ намекунад ва аз ӯ даст

намебардорад, то замоне, ки ақлашро қонеъ ва қалбашро ба хубсу палидии зино ва фаҳшо мутмаин ва огоҳ месозад ва дар охир дуоҳоеро низ дар ҳаққаш мекунад.

Гуфта шуда, ки он марди ҷавон аз он рӯз ба баъд дигар муртакиби гуноҳу маъсият нашуд ва ба ҷои хушунату бадхулуқӣ ҳамеша бо меҳрубонӣ ва нармиш рафтор намуд.

Мисоли дигареро бароятон бозгӯ мекунам ва он ин, ки: зани шавҳардоре аз Ғомидия муртакиби зино гардид ва баъд аз он амали зишт, ҳомила гардид, назди Паёмбар (с) омад то бо барпоии ҳад, худро пок гардонад. Замоне, ки ҳад бар ӯ иҷро мешуд, Холид бин Валид (р) бо хашми тамом ӯро дашном дод. Паёмбар (с) фармуд: “оё ӯро дашном медиҳӣ эй Холид! ба Худо қасам ӯ тавбае кардааст, ки агар ба ҳафтод манзил аз аҳли Мадина тақсим шавад, ба андозаи вусъати онҳо мегардад. Оё то ба ҳол касе бартар аз ин занро дидаӣ, ки ин чунин ҳозир шавад барои Худованди азза ва ҷалла бимирад?”.

Гуфта шуда, ки он зан гуноҳ кард, аммо тавба намуд..

Ва охирин мисол ин, ки: ин саҳоба касест, ки доимулхамр буд: яъне ба нушидани шароб ба таври доимӣ мубтало ва муътод шуда буд. Ӯро дар ҳоле назди Паёмбар (с) оварданд, ки бештар аз ҳар рӯз нӯшида буд: пас ҳад бар ӯ ҷорӣ карданд ва мавриди итоб қарор гирифт. Аммо ҳамин, ки раҳо шуд, шайтони дарунаш ё доимулхамр буданаш бар ӯ ғалаба ёфт ва ӯро муҷаддадан ба нӯшидани шароб водошт. Дубора ӯро назди Паёмбар (с) ва боз ҳам мавриди таъзир қарор гирифт.. ва ин чунин чандин бор ин амал иттифоқ афтод, то ин, ки рӯзе боз ҳам дар ҳоле, ки шароб хурда буд, ӯро бар иқомаи ҳад назди Паёмбар (с) оварданд. Баъзе аз саҳобаи Паёмбар (с) гуфтанд:

“Худованд ӯро лаънат кунад, магар ин бори чандин аст, ки назди Расули Худо ин чунин оварда мешавад?!.. дар ин ҳангом Паёмбар (с) ба лаъни ин мусалмонон бо вуҷуди иртикобаш ба нӯшидани уммулхабоис ва исрору мудовамат бар он, сокит нашуд ва ба касоне, ки ӯро лаънат мекарданд, фармуд: “ӯро лаънат накунед, зеро Худо ва Расулашро дӯст медорад” ва дар ривояти дигар омадааст, ки фармуд: “Шайтонро бар алайҳи бародаратон ёрӣ мадиҳед!”.

Нигоҳ кунед, Худованд мо ва шуморо мавриди раҳму лутфи бекарони худ қарор диҳад, ба ин қалби бузург ва рӯҳи баланд, ки чӣ гуна ин инсонро бузург карда ва ба ӯ бо вуҷуди олӯдагияш ба гуноҳ, ин чунин ҳусни зан пайдо мекунад.. чӣ гуна ба хайру некии пинҳон дар дарунаш ё вуҷуди шари ошкор ва зоҳире, ки дар берунаш дида мешавад, хира мешавад ва бо нигоҳ кардан ба ӯ бо диди мусбат шарру бадӣ аз майдони дидаш маҳв ва нопадид мешавад ва ӯро ин гуна тавсиф мекунад, ки: “Худо ва Расулашро дӯст медорад” ва ба ҳамин далел аз лаънат карданаш наҳӣ фармуда, зеро лаънат боиси эҷоди фосила байни ӯ ва бародарони мӯминаш мешавад ва ин аз асрори ҳамон фармудааш мебошад, ки: “Шайтонро бар алайҳи бародаратон ёрӣ мадиҳед” ва ресмони мустаҳками бародарӣ ва ухувати байнашонро ба хотири гуноҳ, ҳар чанд гуноҳи бузург аст ва пушти сар ҳам такрор мешавад, пора мамекунад, чунки ин асли Ислом аст, ки онҳоро бо ӯ ҷамъ кунад ва ҷамъ созад ва ӯро бо онҳо ҷамъу наздик гардонад.

Он касоне, ки ба тудаи мардум сӯи зан (гумони бад) доранд ва афроди гунаҳкор ва хатопешаро аз ҳисоб меандозанд ва арзише барояшон қоил намешаванд, бояд ин бархурди Паёмбар

(с) ва тарбияти арзишманду коршиносонаашро ба хӯбӣ бифаҳманд ва дарк кунанд.

Оре! бояд аз ин рафтори Расули Худо (с) ба хӯбӣ дарс бигиранд ва панд биёмӯзанд, он касоне, ки қадамҳояшон ба сӯи бидъати такфири афроди гунаҳкор мелағжад. Ин афрод агар тафаккуҳу тааммул кунанд, мефаҳманд, ки тамоми касонеро, ки кофир қаламдод мекунанд, муртад  нестанд ва воҷиб ҳам нест онҳоро ба қатл бирасонанд, балки ё ба ҳақиқати дин ҷоҳиланд, ки бояд ба онон бифаҳмонанд ё касоне ҳастанд, ки дар вартаи гуноҳ -дар асари олӯдагии муҳит ва дӯстону ҳамнишинони нобоб - афтодаанд ва лозим аст, ки онҳоро наҷот диҳанд.. ва ё касоне ҳастанд, ки ба хотири корҳо ва машғалаҳои дунявӣ аз охират ғофил шудаанд ва воҷиб аст, ки онҳоро бедор кунанд ва мутазаккир созанд, зеро тазаккур ва ёдоварӣ ба мӯминон ҳамеша манфиат мебахшад.

Шакке нест ки лаъну нафрини мардум - агар чӣ гунаҳкору мунҳариф бошанд - онҳоро ислоҳ намесозад ва ба хайру некӣ наздик намекунад ва ҳатто онҳоро аз роҳи хайру салоҳ дӯр месозад.. балки беҳтар он аст, ки ба бародари осӣ ва гунаҳкораш наздик шавад ва ӯро ба ислоҳ шудан даъват кунад ва барояш дӯо кунад, на ин, ки ӯро дар доми шайтон раҳо созад.. яке аз ҳукамо гуфтааст:  “Ба ҷои ин, ки торикиро лаън кунӣ, шамъеро равшан кун, ки роҳро равшан намояд!”..

Ин будн он чӣ, ки мехостам ба василаи он фарзандон ва ҷавонони ҳушёру баруманд ва бедордили мусалмонро насиҳат кунам, касоне, ки ба онҳо алоқаманди шадиде дорам ва дар аъмоки қалбам ҷой доранд ва ҳамеша хайрхоҳу дилсӯзашон ҳастам ва дигар чизе намегӯям, магар, он чӣ ки хатиби

Паёмбарон, Шуайб (а) фармуд: “ إِنْ أُرِيدُ إِلَّا الْإِصْلَاحَ مَا اسْتَطَعْتُ وَمَا تَوْفِيقِي إِلَّا بِاللَّهِ عَلَيْهِ تَوَكَّلْتُ وَإِلَيْهِ أُنِيبُ”, “Ман то ҷое метавонам ҷуз ислоҳи (хеш ва шуморо) намехоҳам ва тавфиқи ман ҳам (дар расидан ба ҳаққу некӣ ва зудудани ноҳаққ ва бадӣ) ҷуз бо (ёрӣ ва пуштибонии) Худо (анҷомпазируфтанӣ) нест, танҳо бар Ӯ таваккал мекунам ва фақат ба сӯи Ӯ бармегардам”.

## Поён

Бо ташаккуру сипоси фаровон аз оқои Фоиз Иброҳим Муҳаммад

## Феҳристи мавзуот

1. Муқаддимаи мутарҷим........................................................3
2. Насиҳатҳои падарона барои ҷавонони Ислом...................4
3. Ба сӯи музокироту гуфтугуҳои созанда...............................6
4. Ба тахассусҳо эҳтиром бигзоред............................................6
5. Роҳи худопарастон ва афроди миёнаравро бигиред.......13
6. Осон бигиред ва сахтгир мабошед.....................................17
7. Бо равиши накӯ ва ҳакимона даъват кунед.......................20
8. Нукоте чанд дар одоби даъвату гуфтугӯ............................26
9. Бо тӯдаи мардум зиндагӣ кунед..........................................29
10. Нисбат ба мусалмонон ҳусни зан (гумони нек) дошта бошед.........................................................................................38
11. Феҳристи мавзуот....................................................................46